# АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

.

Бо Фармоиши Директори Агентии омори
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз _______ 2017с.. №___
тасдиқ карда шудааст

| |
|---|
| **Махфӣ нигоҳ доштани маълумотҳои Шумо кафолат дода мешавад** |

## Дастурамал

### оид ба таҳияи ҳисобот дар бораи шабакаҳои савдо, хӯроки умумӣ, таъмиру хизматрасонии техникии автомобилҳо ва меҳмонхонаҳо шакли 1 савдо шабака (солона)

Шакл аз 3 фасл иборат аст:
I - мавҷудияти шабакаҳои савдо;
II - мавҷудияти шабакаҳои хӯроки умумӣ;
III. мавҷудияти шабакаҳои марказаҳои хизматрасонии техникии автомобилҳо;

1. Дар ҳисобот дар сутуни - 1 шумораи корхонаҳои амалкунандаи савдо, хӯроки умумӣ, таъмиру хизматрасонии техникии автомобилҳо ва мехмонхонаҳо, ки дар охири соли ҳисобот ба савдо ва хизматрасонӣ машғуланд.

Агар корхона дар охири сол бо сабаби таъмир, баруйхатгирӣ (инвентаризатсия), коркарди санитарӣ ва ғайраҳо мувaққатан кор накардааст, дар он сурат вай амалкунанда ҳисобида мешавад ва ба ҳисобот гирифта мешавад. Корхонаҳое, ки ба сабаби аз нав таҷҳизонидан бештар аз шаш моҳ боз истоданд, ба ҳисоби корхонаҳои амалкунанда ба ҳисоб гирифта намешаванд.

2. Дар сутуни 2 масоҳати объект бо м. мураббаъ, нишон дода мешавад.
3. Дар сутуни - 3 шумораи миёнаи кормандон нишон дода мешавад.
4. Аз шумораи умумии корхонаҳо дар сутуни 4 шумораи корхонаҳое, ки дар деҳот ҷойгиранд, нишон дода мешавад.

Ба мағозаҳо корхонаҳои гуногуни савдои чакана дохил мешаванд, ки дар биноҳои ҷудо кардашуда ё биное, ки барои соҳибкорон толори савдо дорад, машғуланд. Мағозае, ки якчанд ҷои ҷудо кардашударо барои савдо дар як бино ишғол кардаасту аз як раёсати маъмурӣ идора карда мешавад, як мағоза ҳисобида мешавад. Агар мағоза якчанд бинои ҷудо кардашударо дар биноҳои гуногун ишғол карда бошад, дар он сурат ҳар кадом бино ҳамчун мағозаи алоҳидаи мустақил ба ҳисоб гирифта мешавад, ҳатто дар мавриде, ки агар мағоза дар як чанд бино ҷой гирифта бошаду аз як маъмурият идора карда шавад

Ба хаймаҳо (ларёкҳо, дуконачаҳо) корхонаҳои савдо дохил мешаванд, ки биноҳи ҷудо кардашударо ишғол кардаанд, вале барои харидорон толори савдо надоранд. Агар хаймаҳо (ларёкҳо, дӯкончаҳо) ба як ташкилоти савдо тааллуқ дошта бошанду вале дар биноҳи мағозаи дигар ташкилоти савдо (масалан, дӯкончаи чарчинвори фурӯшӣ ё ҷои чоп дар мағозаи омехта) ҷой гирифта бошанд, дар он сурат онҳо ҳамчун корхонаи мустақил ба ҳисоб гирифта мешаванд. Хаймаҳо (ларёкчаҳо, дӯкончаҳо), ки ба мағоза вобаста карда

шудаанду дар тарози вай қарор доранд, ҳамчунин корхонаи мустақили савдо ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Ба шабакаҳои сайёр таҷҳизоти махсусгардонидаи мухталифи асбобу олот барои истифодаи тӯлонӣ, барои майдафурӯшӣ ва дастаки фурӯшӣ, автомобилҳои сайёри фурӯш, дӯкончаҳои дастакифурӯшӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд. Дар зери мафҳуми тӯлонӣ амалкунанда ба таври доимӣ (тамоми фасли сол) майдафурӯшии амалкунанда ва шабакаҳои дастакифурӯшӣ, инчунин шабакаҳои майдафурӯшӣ ва мавсимӣ, ки давоми мавсими муайян амал мекунанд (масалан, шабакаи майдафурӯшӣ оид ба савдои яхмос, майдафурешӣ оид ба савдои об дар мавсими баҳору тобистон). Шабакаҳои майдафурушӣ ва дастакифурӯшӣ, ки барои савдои муваққатӣ дар рӯзҳои иду ҷашн ва рӯзҳои сайру гашти оммавӣ ташкил карда шудаанд, ба шумораи шабакаҳои майдафурӯшӣ ва дастакифурӯшӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд; шабакаҳои майдафурӯшӣ ва дастакифурӯшӣ, ки ба мағозаҳо вобаста карда шудаанду дар тарози (баланси) онҳо қарор доранд, ҳамчун воҳиди савдои мустақил ба ҳисоб гирифта мешаванд[2]

**Ба масоҳати савдои мағоза дохил карда намешаванд:**

бино барои қабул ва нигоҳдории молҳо, бино барои омода сохтани молҳо барои фурӯш (ҷои қабул, борфарорӣ, анбор, камераи яхдон, бино барои омода сохтани молҳо барои фурӯш, бинои ёридиҳандаи қаҳвахона, ҷудо кардан ва бастабандӣ кардан ва маҷмӯ сохтани молҳо);

бинои ёрирасон (бино барои нигоҳ доштани зарфҳо, маводи бастабандӣ, асбобу анҷом, либос, контейнерҳо, устохонаи таъмирии асбобу анҷом ва таҷҳизот, маҳалли қабули зарфҳо, шустани зарфҳо, камера барои партовҳо);

бинои маъмурӣ ва маишӣ (бинои идора, утоқи директор (мудир), ошхона ва буфет барои хизматчиён, утоқҳои кормандон, утоқҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ, сархазина, маҳалли либосмонӣ, ғусл (душхона) ва ғайраҳо;

бинои техникӣ (камераи ҳавокашӣ, шӯъбаи мошини лифт ва дастгоҳи яхдон, камераҳои тоза кардани ҳаво; лавҳаҳои барқӣ, комутатори телефонҳо, дастгоҳи радио, дастгоҳи обкашии (насос)-и марказии оби гарм ва оби хунук таъминкунанда-бинои узелҳои махсус, дар назди гармӣ таъминкунандаи маҳаллӣ-дегхона ва ғайраҳо); масоҳати пӯшидаи мағозаҳои комиссионии «Автомобилҳо ва қисмҳои эҳтиётӣ».

Масоҳати савдо танҳо оид ба мағозаҳо нишон дода мешаванд. Дар сатрҳои «хаймаҳо ва дӯкончаҳо», «шабакаҳои майдафурӯшӣ ва дастифурӯшӣ» масоҳати савдо нишон дода намешавад.

Ҳисоботи тартиб додашударо сардори ташкилот имзо мекунад, поёнтар ному насаб ва рақами телефони тартибдиҳандаи ҳисобот нишон дода мешавад.

Ғайр аз ин, дар як сол як маротиба, дар охири сол маълумотнома оиди шумораи мағозаҳои корхонаҳои савдои чакана, ки савдоро дар бозорҳо амалӣ мегардонанд, тартиб дода мешавад.

Барои дурустии маълумотҳо ва риояи мӯҳлати пешниҳоди ҳисобот, роҳбари ташкилоти ҳисобдиҳанда масъул мебошад.